Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-063
назди Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
(734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри
Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Саидзода Қурбоналӣ Саид дар мавзуи «Такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар Тоҷикистон (дар мисоли бахши аграрии иқтисодиёт)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D052000 Бизнес-маъмуриятчигӣ (6D052002 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ)**

Соҳибкори истеҳсолӣ фаъолияте мебошад, ки тайи 10 соли охир дар мамлакат ривоҷи бештар касб карда, хизматрасонӣ ҳам аз ин навъи фаъолият, яъне истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба аҳолӣ беҳтар гардидааст. Ин соҳа дар ҳоле рӯ ба беҳтаршавӣ овард, ки соҳибкории аграрӣ дар Тоҷикистон аз бахшҳои афзалиятнок ва сердаромад аз ҷиҳати пардохти андозҳо ба буҷети давлатӣ эътироф гардиду таваҷҷуҳи асосӣ барои рушди бемайлони он равона шуд. Афзоиши истеҳсоли маҳсулоти гуногуни соҳаҳои иқтисодиёт низ ба ҳамин давра рост омада, маҳсулоти ватанӣ дар бозор ҷойи баъзе номгӯи махсулоти хориҷиро гирифт. Рушди бахшҳои соҳибкорӣ дар мамлакат марҳила ба марҳила воридшавии маблағҳоро ба буҷети давлатӣ афзоиш дод.

Дар автореферат муаллиф хулоса намудааст, ки самаранокии соҳибкории истеҳсолӣ ба афзоиши истеҳсолот, устувории фаъолияти хоҷагиҳо ва бартарӣ нисбат ба шаклҳои анъанавии меҳнат мусоидат менамояд. Қайд мегардад, ки такмили соҳибкорӣ дар соҳаи аграрӣ дар ҳолате самарабахш хоҳад буд, ки механизмҳои бозорӣ бо усулҳои ҳавасмандгардонӣ ва дастгирии ғайримустақими давлатӣ ҳамоҳанг татбиқ шаванд. Ҳамзамон, дастгирии давлатӣ бояд ба рушди устувори соҳа ва фароҳам овардани имкониятҳои иқтисодӣ барои аҳолӣ равона гардад (саҳ. 24).

Дар автореферати рисолаи илмӣ муаллиф омилҳои таъсиррасон ба рушди соҳибкории истеҳсолиро дар бахши аграрии иқтисодиёт ба омилҳои иқтисодӣ, экологӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ ҷудо намудааст. Ба воситаи таҳқиқ ва баҳодиҳӣ ба ин

омилҳо, тавонистааст нақшаи дуруст барои рушди устувори соҳибкории аграрриро тарҳрезӣ намояд. Масалан, сиёсати давлатӣ, дастгирии молиявии соҳибкорон, зеррсохтори муосир ва дастрасӣ ба бозорҳо омили муҳим дар рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи аграрии иқтисодиёт ба ҳисоб мераванд.

Муҳтавои автореферати диссертатсия ва равишҳои илмии истифоданамудаи Саидзода Қ.С., собит менамоияд, ки мавзуи таҳқиқотӣ барои рушди иқтисодиёти инноватсионии Тоҷикистон ҳамчун ҷузъи таркибии иқтисодиёти мамлакат арзёбӣ мегардад, масъалаи нисбатан кам таҳқиқгардида мебошад.

Диссертант дар назди худ мақсад гузоштааст, ки ҷиҳати таҳқиқу тавсияи ҷанбаҳои назариявӣ-методологӣ ва пешниҳодоти аз нигоҳи илмию амалӣ асоснокгардида оид ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар Тоҷикистон навгониҳои илмии худро пешниҳод кунад.

Матни автореферат ва мақолаҳои ба нашр расонидаи муаллиф мазмун ва мундариҷаи асосии диссертатсияро фарогир мебошанд. Дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ дар автореферат баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасонанд, ки ба инобат гирифтани онҳо барои таҳқиқи ояндаи муаллиф самаранок арзёбӣ мегарданд:

1. Муаллиф дар саҳифаи 24 (диаграммаи 4. - ҳисобкунии арзишҳои пешбинишудаи ҳаҷми маҳсулоти умумии хоҷагии қишлоқ барои давраи то соли 2035) тартиб додааст, аммо бо кадом усули математикӣ ин дурнаморо муайян кардааст, норавшан аст.

2. Муаллиф дар автореферат таҳлили қунунии вазъи хоҷагиҳои деҳқониро мавриди арзёбӣ ва натиҷагирӣ қарор додааст. Бисёр хуб мешуд имтиёзҳои андозие, ки ба хоҷагиҳои деҳқонӣ дода шудааст, дар ин қисмати таҳқиқот мавриди арзёбӣ қарор медод.

Эродҳои мазкур баҳои мусбати кори иҷрошударо паст намекунад, зеро натиҷаҳои илмии бадастомада аз сатҳи баланди илмию назариявии таҳқиқот, навгонӣ ва аҳамияти амалии мундариҷаи диссертатсия дарак медиҳад.

Дар маҷмуъ, аз таҳлилу баррасии автореферати мазкур ба хулосае омадан мумкин аст, ки Саидзода Қурбоналӣ Саид ҳангоми навиштани рисолаи илмӣ дар мавзуи «Такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар Тоҷикистон (дар мисоли бахши аграрии иқтисодиёт)» қобилияти баланди эҷодкорӣ нишон додааст. Автореферати диссертатсия ва дастгоҳи илмии таҳқиқот

ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D052000 Бизнес-маъмуриятчигӣ (6D052002 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**Доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти**
**кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи**
**давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон** **Абдукодиров Х. А.**

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд
ш. Хуҷанд;13 мкр-н., хонаи 35, хуҷраи 12
Телефон (+992) 92 848-49-35,
Почтаи электронӣ: khon1974@mail.ru

*Имзои д.и.и., дотсент Х.А. Абдуқодировро тасдиқ мекунам:*

**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои**
**махсуси Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,**
**бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, дотсент:** **Бобоев А.Х.**

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Суроғаи муассиса: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, ш. Хуҷанд;17 мкр-н., хонаи 1
Телефон +992(3422)2-38-11,
Почтаи электронӣ: tsulbp@rambler.ru

«24» 11 соли 2025